# Рӯйдодҳои ҷаҳон

Хабарҳо, воқеаҳо, шарҳу тафсилот

## Маҷлисе, ки «ба фалаҷ мебарад»

***Бисёр нашриёҳои урупоӣ дар бобати маҷлиси Иттиҳодияи Урупо (ИУ), ки дар Брюссел барпо гардид, назари худро баён менамоянд. Дар ҷамъомади мазкур қабул гардидани Қонуни Асосии умумиурупоӣ муҳокима гардид.***

Рӯзномаи «Либерасон»-и Фаронса ба ин муносибат менависад, ки «таърихи кӯтоҳмуддати Иттиҳодияи Урупо аз бӯҳронҳо фаровон аст» ва «роҳ сӯи Брюссел бо пасмондаҳои лоиҳаҳои татбиқнагардида баста мебошад».

Рӯзнома аъзоёни ИУ-ро ба «гурӯҳи иқоматкунандагони хонаҳои кооперативие, ки хеле сахт дар маҷлиси солонаи худ баҳс мекунанд» монанд мекунад. Рӯзнома илова мекунад, ки «пеш аз он, ки ягон қарори муросокорона дар бораи чӣ гуна идора намудани хонае, ки дар он сокинонаш барои ҳамзистӣ маҷбур ҳастанд» ба баҳси тӯлонӣ боис мегардад.

«Либерасон» чунин мешуморад, ки хонаи умумиурупоӣ «ҳар чи камтар бо баробари ба он илова гардидани ошёнаҳои дигар ва дохил шудани иқоматкунандагони нав заифтар мегардад».

«Либерасон» боварӣ дорад, ки ИУ дар арафаи шикаст ёфтани ҷамъомади навбатӣ мебошад ва аз он дар хавотир аст, ки ин маҷлис ба «фалаҷ, нотавонӣ ва дар натиҷа ба шикаст мерасонад».

Нашрияи «Штандард»-и Австрия роҳбари таҳияи Қонуни Асосии Урупо Валери Жискар дЭстен ва ду муовини ӯро нашр намуда, аз номи муаллифон огоҳ месозад, ки қабул гардидани Қонуни Асосии таҳрирёфта, ки аз он моддаҳои муҳим сарфи назар мегардад, хатарнок аст. Ба назари онҳо дар сурати қабул гардидани Қонуни Асосии таҳрирёфта, «Урупо дар нотавонӣ ва бесамарӣ дар мемонад. Ва баъд водор мегардад, ки аз ин вазъият танҳо аз роҳи паси сар намудани бӯҳрон раҳо ёбад», омадааст дар мақолаҳои номбурдагон.

## Озарбойҷон бо Алиев видоъ гуфт



Тобут бо ҷасади марҳум, ки гирдогирдаш байрақи миллии Озарбойҷон насб шудааст, дар саҳнаи қасри мунаввари «Республика» гузошта шудааст. Дар ин

***Соати 9.00 рӯзи душанбе бо вақти маҳаллии ҷумҳурӣ дар Боку маросими видоъ намудани мардум бо собиқ Президенти мамлакат Ҳайдар Алиев, ки 12 декабр дар бемористони шаҳри Кливленди иёлати Огайои ИМА фавтидааст, оғоз ёфта буд.***

ҷо қаровули фахрӣ низ саф оростааст. Дар назди қаср одамони зиёд ҷамъ шуда, ки дафъаи охир ба марҳум эҳтироми худро ба ҷо овbooked.

Аввал бо Президенти собиқи мамлакат аъзоёни ҳукумати Озарбойҷон падруд гуфтанд.

Дар маросими мазкур аз панҷоҳ давлати ҷаҳон ҳайат ҳозир буд.

Ҳайдар Алиев дар Боғи қабристони ифтихорӣ дар Боку дафн гардид. Ба ифтихори марҳум шаш маротиба аз дувоздаҳ тӯп тир холӣ карда шуд.

## Ширин Ибодӣ: ман танҳо ба хотири мусулмониам соҳиби мукофот гардидам



***Мукофоти Нобел барои сулҳ ба намояндаи Эрон Ширин Ибодӣ супурда шуда буд, ки баъзеҳо сабаби ба ӯ додани мукофотро бо андешаҳои сиёсӣ талқин мекунанд.***

Ширин Ибодӣ ин гуфтаҳоро рад намуда, дар мусоҳиба бо оҷонсии иттилоотии ИРНА дар Париж ин ҳимоягари ҳуқуқи башар гуфтааст, ки «дар паси он талқинҳои сиёсӣ вуҷуд надорад ва ман чунин мешуморам, ки ин мукофот эътирофи кӯшиши зани мусулмон ба озодӣ аст».

«Ман барои сазовор шудан ба ин мукофот танҳо ба хотири мусулмониам мушарраф гаштаам»,—таъкид мекунад Ширин Ибодӣ. «Зан дар мамлакатҳои исломӣ дар шароити тоқатфарсо зиндагӣ мекунад. Сабабҳои он дар афзалияти анъанавии мард ниҳон аст»,— арз намудааст соҳиби Мукофоти Нобел.

Ширин Ибодӣ аз он изҳори таассуф намудааст, ки кишварҳои Ғарб ба ислом барои амалиётҳои баъзе аз шахсоне ҳамла меоваранд, ки худро аз аҳли ислом муаррифӣ мекунанд, хабар медиҳад ИТАР ТАСС.

## «Сиёҳҳои кӯршавандаро» дар Ҷопон ихтироъ кардаанд

***Ба шарофати технологияи Ҷопон барои принтерҳо «сиёҳҳои кӯршаванда» ихтироъ гардид, ки пас аз он коғазро чандин маротиба истифода намудан мумкин мебошад.***

Ширкати «Тошиба» рангеро таҳия намуд, ки дар таркибаш углевод надорад ва ҳамин тариқ бо кӯмаки дастгоҳи портативӣ пас аз чанд соат навиштаҳои рӯи коғаз нопадид мегарданд.

Дастгоҳе, ки бо рангҳои нав дар Ҷопон ба фурӯш мебарояд, ба осонӣ якбора навиштаҷоти якчанд кило коғазро кӯр мекунад.

Ҳоло дар Ҷопон 40 фоизи партовҳоро коғазҳои истифодашуда ташкил менамояд. Ҳамзамон танҳо 60 фоизи ин коғазҳо дубора истифода мегарданд.

Ҷосусон ва хаёлпарастон аз ба вуҷуд омадани ранги «нопадидшаванда» шод ҳастанд. Аммо равшан аст, ки ин ихтирои нав бештар аз ҳама экологҳоро хушнуд месозад.

## Оё Саддом Ҳусейн дастгир шуд?

***Роҳбари курдҳои Ироқ Ҷалол Талабонӣ гуфтааст, ки Саддом Ҳусейнро амрикоиҳо дастгир намудаанд. Номбурда ҳамчунин илова намудааст, ки роҳбари собиқи Ироқ дар яке аз хонаҳои хешовандонаш, дар Тикрит дастгир гаштааст.***



Бино ба хабари оҷонсии ИРНА-и Эрон, С.Ҳусейнро ҳангоми рейди низомиёни амрикоӣ бо дастгирии курдҳои Ироқ ба даст афтондаанд.

Тавре ки котиби матбуотии Идораи шӯрои муваққатии Ироқ Интифод Қанбар хабар медиҳад, президенти собиқ ҳангоми дастгир намудан паноҳ бурдан хостааст. Дар яке аз хонаҳо ӯ худро ба зери хок ҷой карда, дар натиҷа сарбозон бо кӯмаки белҳо ӯро аз ин чуқурӣ кофта, гирифтаанд.

Саддом Ҳусейн барои тағйир додани қиёфаи худ риш гузоштааст.

Ҳоло дастгир шудани Саддом Ҳусейнро роҳбарони бисёр гурӯҳҳои ироқӣ тасдиқ менамоянд. Ҳатто мутахассисони амрикоӣ хун ва дигар нишонаҳои диктатори собиқро таҳлил мекунанд ва маҳз Саддом Ҳусейн будани онро санҷидан мехоҳанд. Аммо дар баробари ин бисёре аз идораҳои хориҷӣ шубҳа доранд, ки ин воқеан роҳбари собиқи Ироқ мебошад, зеро ҳамеша маълум буд, ки ӯ дугоникҳои зиёд дорад.

Дар ҳар сурат то ҳанӯз ягон изҳороти расмӣ дар ин бобат вуҷуд надорад.

**ТОШКАНД (Мухбири ЎзА Н.УСМОНОВА).** ***Дар Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон озмуни ҷумҳурии иҷрокунандагони мақом ба номи Юнус Раҷабӣ ба поён расид. Тавре ки маълум аст, вай дар чор сол як бор гузаронда мешавад.***

## Озмун поён ёфт

Дар озмуни навбатӣ қариб 100 нафар иҷрокунандагони мақом иштирок доштанд. Ғолибон аз рӯи иҷрои якка, дар ҳамовозии асбобҳои мусиқӣ ва дар ҳайати ансамбл муайян гаштанд.

Ҷои аввал аз они донишҷӯёни бомаҳорати Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон Набиҷон Қодиров (ғиҷҷак), Беҳзод Сафаров (дутор), Мансур Воисев (рубоб), Илёс Арабов (дутор), Очилбек Матҷонов (иҷрои якка) шуд. Эркин Худойбердиев ғиҷҷак, аз Самарқанд (ғиҷҷак) ансамбли асбобҳои халқии консерватория, ансамбли коллеҷи мусиқии ба номи Таваккал Қодирови Фарғона низ ғолибони озмуни навбатӣ гаштанд.

## Тайёрӣ

**НАМАНГОН (Мухбири ЎзА И.РАЗЗОҚОВ).** ***Дар вилояти Наманган барои ҳосили баланди соли оянда таҳкурсии мустаҳкам мегузоранд. Шудгори майдонҳо бо озуқонидан гузаронда мешавад. Мушкили деҳқононро тракторҳои заминрони «Магнум» ва «Максум-МХ» осон мегардонанд.***

—«Магнум» техникаи хеле қулай буда нисбати трактори тасмачарх бартарӣ дорад,—мегӯяд механик-ронандаи ботаҷриба Акрам Маюсуфов.—Истифода аз он имкон медиҳад, ки сӯзишворӣ сарфа гардад. Барои шудгори як гектар замин буду шуд 35 литр бензин сарф мешавад. Рондани он низ нисбат ба дигар тракторҳо сабуктар. Алҳол дар майдонҳои ноҳияи Косонсой 22 техникаи заминрон шудгор мекунад. Аллакай механизаторони парки мошину тракторӣ беш аз 7 ҳазор гектар заминро хушсифат шудгор карданд. Дар хоҷагиҳои ба номи Худойбердиев, «Кӯкимбой» ва «Намуна» шудгори тирамоҳӣ хушсифат ва сари вақт гузаронда шуд. Пеш аз шудгор ба замин ба миқдори зарурӣ нурии фосфат пошида шуд.

# Вохӯрии муфид

Обуна – 2004

***Чанде пеш дар мактабҳои рақами 34 ва 10-уми ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё вохӯрии ходимони эҷодии рӯзномаи «Овози тоҷик» бо хонандагон ва муштариёни рӯзнома ба вуқӯъ пайваста буд.***



**Дар акс:** *Омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 34* ***Қ. Мирзоева*** *дар ҳалқаи шогирдон. Ӯ беш аз 25 сол собиқаи корӣ дорад.*

Дар ин вохӯрӣ аз нашрия ҷонишини сармуҳаррири рӯзнома Тоҷибой Икромов, масъули бахши фарҳанг, шоир Паймон (Тӯхтамиш Тӯхтаев), хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сирдарё Тӯхтамиш Боқӣ ва дигарон иштирок доштанд.

Ходимони рӯзнома бо омӯзгорони мактабҳо ва муштариён перомуни мазмуну мундариҷаи рӯзнома сӯҳбат оростанд.

Омӯзгорон дархост намуданд, ки дар ин вазъи мураккаб ва сангин барои мактабҳои тоҷикӣ — нарасидани китобу дастурҳо, рӯзнома бояд қутбнамои онҳо бошад. Яъне бо нашри мақолаву дастурҳои методӣ доир ба фанҳои гуногун мушкилашонро осон гардонад. Дар аҳди пеш мушкилосонкуни онҳо рӯзномаи «Омӯзгор» ва дигар нашрияҳои соҳаи таълиму тарбия буданд, ки аз ҷумҳурии ҳамсоя — Тоҷикистон дастрас мешуданд. Ҳоло, ки ба истиқлол расидаем ва ҳалли масъалаву муаммоҳои мактабҳои тоҷикиро Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бар ӯҳда дорад, бояд нашрияе ба корҳои омӯзгорон аз наздик кӯмак расонад ва ё онҳо тавассути он ба якдигар битавонанд бо навиштаҳои методӣ кӯмак кунанд.

Тоҷибой Икромов гуфт:

—Рӯзномаи «Овози тоҷик» баъди ба истиқлол расидан то андозае вазифаи нашрияҳои соҳаи таълиму тарбияи Тоҷикистонро ба ӯҳда гирифтааст. Доир ба муаммоҳои мактабҳои тоҷикӣ матолиби зиёде ба дасти чоп расидаанд ва минбаъд низ нашр хоҳанд шуд. Муаммоҳои мактабу маорифро кӣ беҳтар аз кормандони соҳа эҳсос карда метавонад. Мехостам бигӯям, ки бо навиштаҳои методии худ тавассути рӯзнома ба якдигар кӯмак расонед. Набояд фаромӯш кард, ки рӯзнома дар баробари расондани ахбори тару тоза ва маърифат забон низ меомӯзад.

Мо паи беҳбудии рӯзнома ҳамаи фикру мулоҳизаҳои шуморо ба назари эътибор мегирем, вале аз суолу ҷавобҳо маълум шуд, ки баъзеҳо рӯзномаи худашонро мутолиа намекунанд ва ё кам ба даст мегиранд.

Директори мактаби миёнаи ба номи Турсун Йўлдошев Нормурод Нуров, омӯзгорони соҳибтаҷриба Деҳқон Каримов, Додо Бобоёров, Додо Тӯхтамишев, Қ.Мирзоева, ҷонишини директори мактаби ба номи Абулқосим Фирдавсӣ Элмурод Элов, омӯзгорони пешқадам Юсуф Халилов, О.Мирзоева ва дигарон дар баромадҳои хеш мамнун будани худро аз ин гирдиҳамоии муфид изҳор намуданд.

Гуфтанд, ки аҳолии хоҷагиҳои мо, махсусан мактабиёну омӯзгорон, бо рӯзномаи маҳбуби тоҷикони сартосари ҷумҳурӣ алоқаи дерсола доранд. Баҳрабардорӣ аз матолиби (маводҳо) он олами маънавиамонро бой мегардонад. Мо тавассути рӯзнома аз ҳаёти сиёсиву иқтисодии кишварамон, ислоҳоти амалишудаистода, навигариҳои мактабу маориф, адабиёт, санъат ва фарҳанги тоҷикони ҷумҳурият огоҳӣ меёбем.

Аз саҳифаҳои он доир ба дӯстиву бародарии миллатҳои сокини кишвар, хоссатан, дӯстии азалӣ ва абадии халқҳои тоҷику ӯзбек матолиби зиёде мехонем. Худ дар ҷумҳурият муттасил нашр шудани нашрияҳо ба забонҳои гуногун, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ, гувоҳи дӯстиву бародарӣ ва ҳамбастагии халқҳои мост.

Ҷашни 80-солагии падари матбуоти тоҷик—«Овози тоҷик»-ро бо саросар обуна шудан ба он пешвоз хоҳем гирифт.

Маҳфили дидорро шеърҳои тару тозаи шоир Паймон, ки ба самъи иштирокдорон расонд ва савту сурудҳи дастаҳои ҳаваскори мактабҳо шукӯҳи тоза бахшиданд.

**ШОҲИД.**

**Аксбардор: Р. АКБАРАЛИЕВ.**



**Дар акс:** *Дастаи ҳаваскорони мактаби рақами 10-и ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ҳангоми иҷрои рақси миллӣ.*

# Набзи Тоҷикистон

## Зиёда аз 533 ҳазор тонна пахта

Соли равон дар Тоҷикистон 533,177 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ шуд. Супоришоти давлатӣ дар ин бобат 640 ҳазор тоннаро ташкил медод. Аз ин хусус ҷонишини якуми вазири кишоварзии ҷумҳурият Ашӯров хабар дод. Бинобар суханони ӯ соли гузашта нишондиҳандаи мазкур дар ҳоле ки супоришоти давлатӣ 600 ҳазор тонна буд, 515,4 ҳазор тоннаро ташкил медод. Соли ҷорӣ 57,926 ҳазор тонна пахтаи маҳиннах (соли 2002-юм 112,87 ҳазор тонна буд) ҷамъоварӣ гардид. Ибтидои соли 2002-юм ҳукумати ҷумҳурӣ қарор қабул кард, ки мувофиқи он соли 2005-ум ҳосили пахта бояд ба 700-ҳазор тонна расонда шавад. Тақрибан тамоми пахтаи ҷамъовардаи деҳқонони тоҷик ба содирот бароварда мешавад. Соли 2002-юм ҳазор тонна «тиллои сафед»-и кишвар ба 128 миллион доллари ИМА содир гардид. Дар тӯли моҳҳои январ-октябри соли равон 108,7 тонна пахта ба 132,8 миллион доллар фурӯхта шуд.

## Кӯмаки беподоши Чин

Дар Душанбе муоҳидаи ҳамкории техникӣ-иқтисодӣ байни ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Чин ба имзо расид. Он дар ҳаҷми 25 миллион юан (тақрибан 4 миллион доллари ИМА) расондани кӯмаки беподошро ба ҷониби Тоҷикистон дар назар дорад. Маблағи мазкур баҳри амалӣ намудани як қатор лоиҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ сафарбар карда мешаванд. Муоҳидаро вазири иқтисодиёт ва тиҷорати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳаким Солиев ва сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон У.Хунбин имзо карданд.

## Ҳамкории австроиён

Ҳайати Палатаи иқтисодии федералии Австрия таҳти сарварии ноиб-президенти он Рихард Шене аз Душанбе боздид намуд. Мақсади асосии сафар ба роҳ мондан ва инкишоф додани робитаҳои тиҷоратӣ мебошад.

Ҳайати намояндагӣ ҳамчунин ба вилояти Суғд, ки минтақаи аз ҷиҳати саноатӣ тараққиёфтаи кишвар аст сафар кард. Дар қаламрави ҷумҳурият алҳол се корхонаи муштараки тоҷикистонию австроӣ ва як корхонаи австроӣ—«Солирот-Воридот К», ки ба содироти пахта ва воридоти шакар тахассус ёфтааст, амал мекунанд.

## Табобат бо дорувор хавфнок мегардад

Тақрибан 70 воситаҳои дорувориe, ки кормандони шӯъбаи сертификат ва сифати Вазорати ҳифзи сиҳҳати Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтиш карданд, ба саломатӣ таҳдид доштаанд. Ин санҷиш дар 2,5 ҳазор воситаҳои давоӣ гузаронида шуд. Бинобар маълумоти мутахассисон дорувориe, ки таъсири баланд доранд, аксар ҳангоми ба ҳудуди Тоҷикистон бо роҳҳои қочоқи нашъаҷаллобӣ, бидуни назорати махсуси лабораторӣ мегузаранд. Барои пурқувват гардидани назорати тиббӣ ва пешгирӣ намудани таҷовузи дорувори бесифат сохтмон додани боз як лаборатория дар назар дошта шудааст. Зеро ҳоло санҷиши воситаҳои дорувори воридотӣ дар вагонҳо ба амал меоянд. Бинобар андешаи мутахассисон назорати дукарата имкон медиҳад, ки теъдоди маҳсулоти қочоқӣ кам ва ҳодисаҳои аз чунин дорувори бесифат ба беморӣ печидани аҳолӣ пешгирӣ карда шаванд.

**«Туркистон-пресс» ва «Вароруд».**

***Дар шаҳри Маастрихти Хӯланд ҷамъомади Шӯрои вазирони корҳои хориҷии Созмони амният ва ҳамкории Урупо (ШВКХ ТАҲУ) ба амал омад. Дар он роҳбарони идораи сиёсати хориҷии 55 давлат —аъзои созмон, аз он ҷумла ҳайати Ӯзбекистон низ ширкат доштанд.***

# Ҷамъомади шӯрои роҳбарони вазоратҳои хориҷӣ дар Маастрихт

Дар рӯзномаи маҷлис масъалаҳое ҷой доштанд, ки бо минбаъд фаъол намудани татбиқи тадбирҳое, ки ба мубориза зидди терроризми байналмилалӣ, инчунин таҳдидҳое мисли кашондани моддаҳои нашъаовар, ҷинояти муташаккилона, паҳн намудани моддаҳои нашъаовар ва ярок, иртибот доштанд.

Иштирокдорони маҷлис ҳамчунин вазъияти ҳамкории давлатҳои иштирокдори ташкилотро дар соҳаҳои иқтисодӣ ва экологӣ баррасӣ намуданд.

Мавзӯи ислоҳоти сохтори ТАҲУ яке аз масъалаҳои муҳими ҷамъомад гардид, ки ҳангоми муҳокимаи он иштирокдорон назари худро дар бобати стратегияи нави созмони мазкур, ки ба мубориза зидди хатарҳои асри XXI ва босамар ҳал намудани сахттарин проблемаҳои байналмилалӣ аз тариқи бархурди мутаносиб ва конструктивӣ нигаронда шудааст, изҳор намуданд.

Диққати асосӣ ба ихтилофҳои минтақавӣ дар Қафқози Ҷанубӣ, аз ҷумла дар Гурҷистон ва Қаробоғи Кӯҳӣ, масъалаи Приднестрове дар Молдова низ нигаронда шуд.

Бинобар ходисаҳои охир дар Гурҷистон давлатҳои иштирокдори ТАҲУ тамоми қувваҳои сиёсии мамлакатро ба гуфтугӯи конструктивӣ даъват намуданд.

Ҳайати Ӯзбекистон дар ин маҷлис бо ташаббуси баланд бардоштани самараи корҳои ташкилот дар ҳалли проблемаҳои асосӣ, пеш аз ҳама дар иртибот бо таъмини амният ва пойдорӣ дар тамоми қаламрави ТАҲУ баромад кард.

Дар ин раванд таъкид гардид, ки давлатҳои иштирокдори созмони мазкур ба шарики нави он — Афғонистон якҷоя бо ТАҲУ ҳамкорӣ намоянд ва ҳамзамон ин кишварро ба чораёнҳои минтақавӣ, аз ҷумла дар доираи ТАҲУ ҷалб намоянд. Ин метавонад дар мустаҳкам намудани пойдорӣ ва амният дар ин мамлакат ва дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири мусбӣ дошта бошад.

**«ҶАҲОН».**

Ба пешвози 60-солагии АУ Ӯзбекистон

# Маркази тадқиқотҳои илмӣ

Агар аз хусуси комёбиҳои илму фани мамлакатамон ҳарф занем, хизмати АУ-ро зикр накардан аз рӯи инсоф нест. Зеро маҳз АУ Ӯзбекистон шаст сол боз тадқиқотҳои илмӣ мебарад. Созмон ёфтани он ба сифати натиҷаи афкори илмиву эҷодии мардум, мероси интеллектуалии ниёкони бузургамон, анъанаҳои ғановатманди илмиву фарҳангӣ, ки дар фарҳангистони Маъмун, марказҳои илмии Самарқанду Бухоро, Тошканду Хева, водии Фарғона ва ғайра аз қадимулайём мавҷуду хеле инкишоф ёфта буданд, арзёбӣ мегардад. АУ ҳамчун муассисоти илмии Ӯзбекистону маркази тадқиқотҳои илмӣ 4 ноябри соли 1943 дар заминаи бахши ӯзбекистонии АУ ИҶШС ташкил ёфтааст. Президиуми он алҳол дар кӯчаи Гогол 70-и Тошкандшаҳр, дигар муассисоташ ба ғайр аз пойтахт дар гӯшаву канори ҷумҳурият воқеъ буда, оид ба самтҳои физикаву риёзиёт, механика ва ҷараёнҳои идора, информатика, кимёву технология, замин, биология, иҷтимоиву гуманитарӣ ва ғайра тадқиқотҳоро пеш мебаранд. Олимон дар чанд бахшу иттиҳодияҳои илмиву истеҳсолӣ, муассисаҳои илмиву тадқиқотӣ, ташкилотҳои лоиҳакашӣ, корхонаҳои таҷрибавӣ ва ғайраву ҳоказо фаъолият мебаранд.

Меҳнати зарбдоронаи олимони мо дар бобати пеш бурдани тадқиқотҳои оламшумул, ба вуҷуд овардани мактабҳои ба худ хос оиди амиқ омӯхтани самтҳои асосии илми ҳозира, аз қабили геология, кофтуковy истихроҷи нафту газ, тилло, фулузоти ранга, технологияҳои пешқадами он, риёзиёт, физикаи ядроӣ ва ҷисмҳои сахт, ситорашиносӣ, микробиология, кимёи моддаҳои рустанӣ, сейсмология, фалсафа ва дигар илмҳои гуманитарӣ, таъриху адабиёт, фарҳанг, дастнависҳо ва ғайра хеле калон аст. Таъкид кардан лозим меояд: муассисаҳои АУ дар бобати таҳияву татбиқи технологияҳои ҳозиразамон нақши калоне мебозанд. Ба мустаҳкам намудани иқтидори илмиву техникии Ватанамон дар шароити иқтисоди бозор саҳми муносиб мегузорад. Махсусан, нақши бузурги онро дар бунёди асосҳои фундаменталии илмиву амалӣ, инкишофи илм дар шароити ба ҳаёт татбиқ намудани ислоҳот дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, сохтмони давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ, ки асосашро иқтисоди бозаргонӣ ташкил медиҳад, қайд кардан лозим меояд. Барои бартараф сохтани як қатор муаммоҳо мекӯшад. Зеро ҳанӯз натиҷаи як қатор тадқиқотҳое, ки аҳамияти муҳими ҳаётӣ доранд, метавонанд ба пешрафти иқтисодиёти кишвар такони хубе бахшанд, аз мадди назар дур мондаанд, бинобар суст будани алоқаи байни илму истеҳсолот пурра истифода намегарданд.

Ба комёбиҳои АУ олимони номдор, аз он ҷумла, сару сарварони он саҳми калоне гузоштаанд. Онҳо дар ҳар давру замон худро ҳамчун фидоиёни илм, фарзандони вафодори мамлакату халқи хеш намоиш дода, бо меҳнати фидокоронаашон намунаи ибрат гардидаанд.

Вақте ки соли 1943 мувофиқи қарори ҳукумат АУ таъсис гардид, узвҳои вобаставу пайваста ва Президенти он интихоб гардиданд. Ва аввалин Президенти АУ академик Т.Н.Қориниёзӣ интихоб гардид. Ӯ соли 1928 Донишгоҳи Осиёи Миёна (ҳоло Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон)-ро хатм намуда, дар ҳамин ҷо сабақ додааст. Муаллифи аввалин адабиёт оид ба риёзиёт ба забони ӯзбекӣ мебошад. Китобаш «Мактаби ситорашиносии Улуғбек» номашро саросари ҷаҳон машҳур гардондааст.

Баъд ба кори АУ академик Теша Зоҳидов сарварӣ кардааст, ки олими машҳури соҳаи зоология буд. Сипас сарварии академия ба дӯши олими соҳаи геология Ҳабиб Абдуллоев афтод, ки хатмкардаи факултаи маъданшиносии Донишгоҳи техникии Тошканд буда, то дараҷаи академик расида, мактаби ба худ хосро ба вуҷуд овардааст. Аъзои ифтихори ҷамъияти минералогияи Британиёи Кабир, Ҷамъияти геологияи Фаронса буд.

АУ таҳти сарпарастии президенти навбатии худ академик Убай Орифов комёбиҳои калонро ба даст овард. Махсусан, дастовардҳо дар соҳаи физика назаррас буданд. Баъд сару сарварии АУ ба зиммаи академик Обид Содиқов афтод. Ӯ олими соҳаи кимёи рустаниҳо буд. Хизмати ӯ дар бобати ҷудо карда гирифтани алколоид-анабил аз рустаниҳо хеле калон аст. Лабораторияи алколоид, ки таҳти сарпарастии ӯ дар Пажӯҳишгоҳи кимёи моддаҳои рустаниҳо созмон ёфт, минбаъд барои пешрафти ҷодаи мазкур хизматҳои калон кард.

Пӯлод Ҳабибуллоев ҳамчун олими соҳаи акустикаи физика дар ҷумҳурият шинохта мешавад. Тадқиқотҳои вай оиди соҳаи физикаи ҳароратӣ дар мамлакатҳои хориҷа оммавӣ гардида, бисёр асарҳояш рӯи чопро дидаанд. Вай низ чанд сол ба фаъолияти АУ сарварӣ кард ва алҳол роҳбари маркази илмиву техникии ҷумҳурият аст.

Дар давраи ба фаъолияти АУ сарварӣ кардани академикҳо Маҳмуд Салоҳиддинов, Тӯхтамурод Ҷӯраев ҳам комёбиҳои муайян ба даст омадаанд. Ҳар ду ҳам олимони соҳаи риёзиёт буданд. Алҳол ба кору бори АУ академик Беҳзод Йўлдошев сарварӣ мекунад, ки олими намоёни соҳаи физика аст.

Алқисса, АУ дар тӯли фаъолияти шастсолаи худ барои рушди илму фани ҷумҳурият саҳми калон гузошт. Махсусан, баъди ба даст омадани истиқлолияти кишвар фаъолияти он доманадор гардида, умри дубора дид.

Бисёр ҷабҳаҳои навро дар бар гирифт. Ва аз ҷониби Девони Вазирон қабул гардидани қарор дар бораи ҷашнгирии 60-солагии АУ, ки мувофиқи он тантанаҳои асосӣ дар нимаи дуюми моҳи декабри соли кунун ба амал меоянд, аз хусуси эътирофи хизматҳои калони ин муассисоти илмӣ оид ба рушди илму фан дар Ӯзбекистон мебошад.

**Э.ТУРДИҚУЛОВ.**

## Вохӯрии байналхалқӣ дар сатҳи олӣ

### оид ба масъалаҳои ҷомеаи информатсионӣ

Асри XXI — асри ҷомеаи информатсионӣ буда, маҳз дар ин давра инқилоби навтарини информатсионӣ - телекоммуникатсионӣ арзи вуҷуд кард, дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа технологияи информатсионӣ роҳ ёфт, иқтисодиёти глобалӣ ба вуҷуд омад, машғулиятҳои мухталифи электронӣ, шаклҳои идоракунии давлатӣ ва корпоративӣ ба вуҷуд омаданд, системаҳои таълимдиҳии фосилавӣ (аз як ҷой ба ҷои дигар) ва муҳити тавсиёфтаи электронии муносибатҳои инсонӣ амалӣ гардиданд.

Вохӯрии умумҷаҳонӣе, ки дар сатҳи олӣ аз рӯи масъалаҳои ҷомеаи информатсионӣ дар Женева барпо гашт, ба масъалаҳои мазкур бахшида шуданд. Дар кори он намояндагони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон таҳти сарварии ҷонишини сарвазир А.Орипов иштирок намуданд. Дар кори тадбири мазкур зиёда аз 14 ҳазор нафар вакилони давлат ва ҳукуматҳо, ташкилотҳои байналхалқӣ ва ҷамъиятӣ, сектори хусусӣ ва воситаҳои ахбори умум ширкат доштанд.

Котиби генералии СММ Кофи Аннан саммити нахустини калони информатсиониро кушода эълон карда, аз лидерҳои ҷаҳонӣ даъват намуд, ки ба мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ҷиҳати даст ёфтан ба комёбиҳои технологияҳои муосири информатсионӣ ва коммуникатсионӣ мусоидат намоянд ва онҳоро дар мубориза ба муқобили камбағалӣ ва бесаводӣ дар ҷаҳон мавриди истифода қарор диҳанд.

Сарвари СММ қайд намуд, ки «ҷомеаи кушоди информатсионӣ ба ҳама ва ба ҳар як шахс фоида мерасонад, ин вақте ба ҳақиқат табдил меёбад, ки ба ин чиз ҳама эътибор зоҳир намоянд».

Дар вохӯрӣ масъалаҳои актуалии оид ба истифодаи пурсамари захираҳои информатсионӣ барои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатҳои дунё муҳокима гардиданд. Аз рӯи ҷамъбасти Саммит дар назар аст, ки Нақшаи амал қабул гардад ва он пешбинӣ менамояд, ки дар соли 2015 ақаллан ними аҳолии .Заминро бо алоқа фаро гирад.

**«ҶАҲОН».**

